# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои муштараки диссертатсионӣ аз 02.07.2026, №10

Барои сазовор донистани Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ).

Диссертатсияи Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 155; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, таҳти №50/шд), аз 24-уми апрели соли 2026, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло 23-юми октябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2018 факултети иҷрокунандагии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторовро хатм кардааст. Соли 2021 зинаи магистратураи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторовро бо ихтисоси мусиқишиносӣ хатм кардааст.

Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло солҳои 2021-2024 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст. Айни ҳол дар вазифаи декани факултети иҷрокунандагии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраҳои таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии факултети иҷрокунандагии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов **Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода** мебошад.

**Муқарризони расмӣ:** Ҳасанова Манзура Муҳидиновна – доктори илмҳои таърих, мусиқишинос, ходими калони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Худойбердиев Султоналӣ – номзади илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих, назария ва методикаи таълими мусиқии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тақризи худро бо имзоҳои раиси ҷаласа – директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои таърих Сафарзода Некрӯз, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашри Пажӯҳишгоҳ Ҷумъазода Меҳроб Одина, котиби илмии ҷаласа – Исоев Қадриддин ва имзою муҳри директор ва нозири кадрҳои муассиса, пешниҳод кардааст. Дар тақриз қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло дар мавзуи «Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 71-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи докторони илм дар соҳаи санъатшиносӣ маҳдуд буда, қисме аз мутахассисони дорои дараҷаи илмии мазкур бинобар сабабҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ (ишғоли вазифаи роҳбари илмӣ, раиси шуро, роҳбари муассиса ва ғайра) наметавонанд ба сифати муқарризи расмӣ ҷалб гарданд, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ мувофиқи талаботи бандҳои 67-71-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутахассиси соҳаи наздики илмиро тасдиқ намудааст, ки дар ин самт асару

мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд ва мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 12 маводи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро ба таври равшан собит менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Абдуллозода, Э.А. Талқини нави сохтори куплетӣ аз таҷрибаи педагогии композитор Шуҳрат Ашӯров (дар мисоли суруди «Ливои мо») [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4 (44). – С. 292-302.

[2-М]. Азизӣ Ф.А., Абдуллозода Э.А. Интродуксияи опереттаи «Кони пурганҷ»-и Шуҳрат Ашӯров – намунаи нави методӣ дар ҳалли композитсионӣ-драматургӣ [Матн] / Ф.А. Азизӣ. Э.А. Абдуллозода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. –Душанбе, 2024. – №3 (47). – С. 230-236. (Ҳаммуаллиф).

[3-М]. Абдуллозода, Э.А. Талқини зарби равона дар асарҳои симфонии композиторони тоҷик Абдуфаттоҳ Одинаев ва Шуҳрат Ашӯров [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмию таҳлилӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (67). – С. 82-88.

[4-М]. Абдуллозода, Э.А. Шуҳрат Ашӯров – намояндаи мусиқии композитории Тоҷикистон (охири асри XX аввали асри XXI) [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмию таҳлилӣ. – Душанбе, 2025. – № 1 (69). – С. 79-87.

### II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[5-М]. Абдуллозода, Э.А. Аз найрез то найбазм [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Музыкальное искусства XX1 века: проблемы и решения (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ, Тошканд, 5 ноябри соли 2018). – Тошканд, 2018. – С. 76-78.

[6-М]. Абдуллозода, Э.А. Наврӯзи Консерватория [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2022. – №1. – С. 15-24.

[7-М]. Абдуллозода, Э.А. Созҳои хоссаи мусиқии минтақаи Кӯлоб [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2022. – №2. – С. 57-75.

[8-М]. Абдуллозода, Э.А. Саҳми Шуҳрат Ашӯров дар мусиқии композитории давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2023. – №3. – С. 123-130.

[9-М]. Абдуллозода, Э.А. Операи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»: рушди драматургӣ [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2024. – №5. – С. 21-30.

[10-М]. Абдуллозода, Э.А. Операи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»: рушди драматургӣ (идома) [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2024. – №6. – С. 13-23.

[11-М]. Абдуллозода, Э.А. Пайвандҳои ҳунарӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2025. – №7. – С. 44-62.

[12-М]. Абдуллозода, Э.А. Хусусиятҳои композитсионии мусиқии суннатии созии кӯлобӣ [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2025. – №8. – С. 34-43.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои санатшиносии Консерваторияи давлатии Узбекистон Ғанихонова Шоиста ба кори диссертатсионӣ мусбат буда, ба диссертант ду савол додааст:

*1. Дар саҳифаи 21 навишта шудааст: «Ба композитор Ш. Ашӯров муяссар гардидааст, ки забони мусиқии ғановатмандеро дар шакли нав ташаккул бидиҳад». Бигӯед, ки ин чӣ гуна шакли нави забони мусиқӣ аст?*

*2. Ҳамчунин, дар автореферат афсонаи «Чароғи сеҳрноки Аловуддин»* ***ҳамчун*** *афсонаи халқи тоҷик* ***муаррифӣ гардидааст. Муаллифи диссертатсия чиро дар назар дорад? Шояд, сухан дар бораи*** *либретто*

***меравад, чунки афсонаи*** *Аловуддин* ***дар нашри фаронсавии*** *«Ҳазору як шаб»* *ҷой дорад ва афсонаи арабӣ ҳисобида мешавад.*

**2. Тақризи** номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи мусиқии Консерваторияи давлатии Москва ба номи П.И. Чайковский Ҷуманова Лола мусбат буда, ба диссертант як савол пешниҳод шудааст:

*Кадом робитаҳо ва хоссагиҳои эҷодии Ш. Ашӯров ба композиторони насли панҷум монандӣ дорад?*

**3. Тақризи** дигар ба автореферати диссертатсия, ки ба қалами дотсенти кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон, номзади илмҳои санъатшиносӣ Раҳимзода Каромотулло тааллуқ дорад, мусбат буда, чунин савол пешниҳод гардидааст:

*Барои навиштани кори диссертатсионӣ, ба ҷуз услубҳои таҳлилии мусиқишиносӣ, Шумо ба ягон услуби таҳлилии дигар рӯ овардаед*?

**Шурои муштараки диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро намудани таҳқиқи илмӣ:**

– нахустин маротиба дар мусиқишиносии тоҷик фаъолияти эҷодӣ ва мероси композитории Шуҳрат Ашӯров ҳамчун намояндаи насли композиторони давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст**;

– хусусиятҳои эҷодии композитор дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ дар заминаи таҳлили мусиқишиносӣ **муайян ва арзёбӣ гардидаанд**;

– роҳи ҳаёт, фаъолияти эҷодӣ ва самтҳои асосии фаъолияти композитор ҷамъбаст ва аз нигоҳи илмӣ **таҳлил шудаанд**;

– таҳлили муфассали мусиқишиносии асарҳои саҳнавии композитор – опереттаи «Кони пурганҷ» ва операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» анҷом дода шуда, хусусиятҳои драматургӣ, композитсионӣ ва жанрии онҳо **муайян гардидаанд**;

– осори вокалии Шуҳрат Ашӯров аз ҷиҳати сохтор, драматургия, воситаҳои ифодаи мусиқӣ ва хусусиятҳои услубӣ **таҳқиқ ва арзёбӣ шудаанд**;

– хусусиятҳои сабки эҷодии композитор, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва нақши онҳо дар рушди мусиқии академии Тоҷикистони давраи соҳибистиқлолӣ **муайян ва асоснок карда шудаанд**;

– маводи парокандаи нотавии осори композитор ҷамъоварӣ, ба низом даровардa шуда, барои истифодаи илмӣ ва таълимӣ **омода гардидааст**;

– саҳми Шуҳрат Ашӯров дар рушди мусиқии вокалӣ, вокалӣ-саҳнавӣ ва тарбияи эстетикии ҷомеа, махсусан насли наврас, муайян ва аз ҷиҳати илмӣ **арзёбӣ шудааст**;

– мавқеъ ва аҳаммияти эҷодиёти композитор дар таърихи мусиқии композитории Тоҷикистони соҳибистиқлол муайян гардида, натиҷаҳои таҳқиқ ба гардиши илмии мусиқишиносии тоҷик **ворид шудаанд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои диссертатсия барои рушди мусиқишиносии тоҷик, омӯзиши таърихи мусиқии композитории давраи соҳибистиқлолӣ, таҳқиқи жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ, омӯзиши фаъолияти композиторони тоҷик ва такмили масъалаҳои назарияи мусиқӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд. Маводи таҳқиқ метавонад дар таҳияи дастурҳои таълимӣ, курсҳои махсус, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик истифода шавад.

Дар ҷараёни таҳқиқ осори илмии мусиқишиносони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф дар таҳқиқ аз консепсияҳои илмии мусиқишиносони маъруф, аз ҷумла Б. Асафйев, В. Тсуккерман, Л. Мазел, В. Бобровский, М. Бонфелд, Ю. Келдиш, А. Коробова, И. Соллертинский, Н. Лисенко, А. Ермаков, И. Сюй, инчунин муҳаққиқони тоҷик Ф. Азизӣ, Н. Нурҷонов, Б. Қодирова, А. Низомов, Н. Ҳакимов, Ф. Улмасов, Б. Қобилова, М. Ҳасанова, М. Назаров, Б. Хуррамова, Ш. Мирзоева ва дигарон истифода намуда, масъалаҳои назариявии жанрҳои вокалӣ ва мусиқии саҳнавиро дар заминаи маводи мушаххаси илмӣ таҳқиқ кардааст.

Дар диссертатсия аз усулҳои таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили мусиқишиносӣ, таҳлили сохторию композитсионӣ ва таҳлили жанрӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсия метавонад дар таълими фанҳои «Таърихи мусиқии тоҷик», «Таърихи мусиқии муосири тоҷик», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ», «Назарияи мусиқӣ», «Гармония», «Солфеджио», «Мусиқишиносӣ» ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои фаъолияти эҷодии композиторон, омӯзгорон, мусиқишиносон ва муҳаққиқони соҳаи мусиқии академии тоҷик аҳаммияти муҳими амалӣ доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад**, ки дар таҳқиқ консепсияҳо ва назарияҳои муосири мусиқишиносии ватанию хориҷӣ истифода гардидаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо саҳеҳии маводи илмӣ, истифодаи дастнависҳо ва маводи нотавии композитор, таҳлили илмии асарҳои мусиқӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти мусиқишиносӣ, коркарди илмии натиҷаҳо ва ҳаҷми интишороти илмии довталаб таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар сатҳи илмӣ иҷро гардидани таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва низомманд сохтани осори парокандаи композитор Шуҳрат Ашӯров, таҳияи маҷмуаи нотавии асарҳои вокалии ӯ, омӯзиши фаъолияти эҷодӣ, таҳлили мустақили асарҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ, омода намудани партитура ва клавирҳои асарҳои саҳнавӣ, муайян намудани хусусиятҳои сабки эҷодӣ ва пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ифода меёбад. Ҳамчунин, саҳми фардии муаллиф дар омӯзиши адабиёти илмии соҳавӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ, иштирок ва пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳо, форумҳо ва ҳамоишҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ зоҳир мегардад.

Муаллиф дар таҳияи консепсияи илмии таҳқиқ, интихоби усулҳои таҳқиқоти мусиқишиносӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи илмӣ, муайян намудани хусусиятҳои жанриву услубии осори композитор, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди тавсияҳо барои таҳқиқоти минбаъда ва интишори натиҷаҳои илмӣ мустақилона фаъолият намудааст. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муҳаққиқ буда, дар шакли диссертатсияи мукаммали илмӣ ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-070-и назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон аз 02 июли соли 2026 дар бораи сазовор донистани Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои муштараки диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм ва 2 нафар докторони фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 15 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои муштараки диссертатсионӣ,
доктори илмҳои санъатшиносӣ — Низомов Аслиддин

Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шарифзода Лутфулло Абдулло

2-юми июли соли 2026